«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ____________
«01» ____09________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Азамзода Акмал Азам дар мавзуи “Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Азамзода Акмал Азам унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Азамзода Акмал Азам соли 2010 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси – “Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ” дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Аз соли 2015 то имрӯз дар вазифаҳои гуногун дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намудааст. Аз 18 марти соли 2023 то имрӯз унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2022 №10 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Назаров Аваз Қувватович доктори илмҳои ҳуқуқшиноси, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, №21 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2025 №1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқат мекунад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсия дар доираи

«Барномаи давлатии муқовимат бо ҷиноятҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030» ва корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экпертизаи судии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки пешниҳодҳои таҳқиқшуда барои такмил додани заминаҳои илмӣ ва амалии таъминоти техникии фаъолияти тафтишотӣ ва криминалистӣ равона гардидаанд. Ақида ва тавсияҳои илмие, ки дар ин таҳқиқот асоснок шудаанд, метавонанд дар таҳияи тактика ва усулҳои нави тафтишоти ҷиноятҳо, инчунин дар сохтани методҳои махсуси криминалистӣ бо дарназардошти истифодаи технологияҳои муосир нақши муҳим бозанд. Аҳаммияти амалӣ бошад, дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд дар амалияи тафтишӣ ба таври васеъ истифода шаванд, зеро онҳо самаранокии амалҳои тафтишӣ ва дигар ҷараёнҳои мурофиавиро такя ба

имкониятҳои техникиву криминалистии имрӯза беҳтар месозанд. Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи таълимӣ дар ҷараёни омӯзиши фанни криминалистика низ истифода шаванд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Рисолаи номзадии Азамзода Акмал Азам таҳти унвони “Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ” дар ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ масъалаи саривақтӣ ва муҳими илмӣ маҳсуб ёфта, барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҷанбаҳои навоваронаи ин тадқиқот дар таҳияи таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои илмӣ ва амалии таъминоти техникиву криминалистии амалҳои тафтишӣ, ки аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура анҷом дода мешаванд, зоҳир мегардад. Муаллиф бо такя ба заминаи мукаммали меъёрӣ, илмӣ ва амалӣ, хусусият, ҳадаф ва муҳтавои таъминоти техникии фаъолияти тафтиширо муайян намуда, масъалаҳои ҷорӣ ва роҳҳои татбиқи технологияҳои муосири телекоммуникатсионӣ, инчунин автоматизатсияи фаъолияти муфаттишро ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии далелҳо мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар рисола инчунин як қатор пешниҳодҳо ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии соҳа низ асоснок гардонида шудаанд, ки метавонанд заминаи ҳуқуқиро дар самти истифодаи воситаҳои техникӣ дар тафтишот беҳтар намоянд. Масоили матраҳгардида дорои аҳаммияти на танҳо илмӣ, балки амалӣ низ ҳастанд, зеро натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи мақомоти прокуратура ва дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ мавриди истифода қарор гирифта, ба баланд гардидани сатҳи

адолати судӣ ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқӣ мусоидат намоянд. Мубрамияти мавзӯи рисола аз якчанд ҷанбаҳои калидӣ бармеояд. Дар шароити мураккабшавии рӯз ба рӯзи вазъи ҷинояткорӣ, аз ҷумла авҷ гирифтани киберҷинояткорӣ, ҷиноятҳои муташаккил ва таҳдидҳои террористӣ, зарурати таҷдиди назар ба восита ва усулҳои анъанавии тафтишот ба миён омадааст. Ҷинояткорони муосир барои пинҳон доштани фаъолиятҳои ғайриқонунии худ ба воситаҳои мураккаби техникӣ такя мекунанд. Ин раванд мақомоти тафтишотиро водор месозад, ки барои мутобиқ шудан ба вазъияти нав аз дастовардҳои пешрафтаи техникӣ-криминалистӣ истифода баранд.

Истифодаи технологияҳои муосир, аз қабили дронҳо барои ҷамъоварии далелҳо, системаҳои назорати видеоӣ ва дигар воситаҳои интеллектуалӣ метавонад самаранокии ошкор ва таҳқиқи ҷиноятҳоро афзоиш диҳад. Бо вуҷуди ин, татбиқи чунин воситаҳо ниёз ба танзими дақиқи ҳуқуқӣ дорад, зеро истифодаи беқонуни онҳо метавонад ба поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва сӯистифода аз мансаб боис гардад. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии истифодаи техникаи криминалистӣ дар фаъолияти тафтишотӣ пеш меояд.

Ҳадафи асосии ин таҳқиқот аз таҳияи тавсияҳои мушаххас ба мақомоти тафтишотӣ, махсусан муфаттишони мақомоти прокуратура иборат аст, ки дар асоси онҳо тавонанд технологияҳои муосири криминалистиро ба таври самаранок ва қонуниву асоснок дар раванди тафтиши ҷиноятҳо истифода намоянд.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Азамзода, А.А. Общие положения технико-криминалистического обеспечения органов прокуратуры [Текст] / А.А. Азамзода // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественниых наук. – 2023. – №10. – Часть II. – С. 246-254; ISSN 2413-5151.

[2-М]. Азамзода, А.А. Использование прокурором криминалистических знаний при осуществлении надзора за законностью процессуальной деятельности органов предварительного расследования [Текст] / А.А. Азамзода // Вестник Таджикского национального университета / Серия социально-экономических и общественниых наук. – 2024. – №3. – С. 211-219; ISSN 2413-5151.

[3-М]. Назаров, А.К. Азамзода А.А. Технико-криминалистическоге обеспечение расследование преступлений по горячим следам [Текст] / А.К. Назаров, А.А. Азамзода // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / Серия гуманитарных и экономических наук. – Том 2.– 2024. – №2(40). – Часть II. – С. 96-102; ISSN 2709-6244.

[4-М]. Азамзода, А.А.Аҳамияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо [Матн] / А.А. Азамзода // Осори Академияи

вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.–2025.–№2(66).–139-145; ISSN 2412-141X

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[5-М]. Азамзода А.А. Проблемы защиты прав и свобод личностсти при применении технических средств в процессе расследования уголовных дел [Текст] / А.А. Азамзода // VI Международная научно-теоретическая конференция прав человека и глобализатция (Материалы конференции, посвящкнной дню прав человек). – Душанбе, 2024. – С. 52-55.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-043-и назди Академияи вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 28 августи соли 2025, №1.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**Профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ.,** **Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:** **Ҳабибзода Н.Х.**

**Имзоҳои Ямоқова З.Д. ва Ҳабибзода Н.Х.-ро ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** Шодихонзода Э.Ш.

**«1» 09 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj